# ҲАМОИШИ ТАНТАНАВӢ БАХШИДА БА ҶАШНИ МУҚАДДАСИ МИЛЛӢ 34-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

4-уми сентябри соли 2025 дар Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар доираи иҷрои Нақшаи чорабиниҳои муассисавӣ ба муносибати истиқболи сазовори 34-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамоиши тантанавӣ баргузор гардид.

Ҳамоишро Ниёзӣ Сироҷиддин – директори муассиса ҳусни оғоз бахшида, иброз намуд, ки имсол 34 сол пур мешавад, ки мардуми сарбаланди тоҷик дар давлати соҳибистиқлол умр ба сар мебаранд. Дар даврони соҳибистиқлолӣ бо иқдомҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо дар ҳамаи соҳаҳо аз ҷумла, дар соҳаи илму маориф ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, дар ин давра дар тамоми манотиқи кишвар бунёди таълимгоҳҳои нав ва ба таври замонавӣ таҷҳизонидани онҳо авҷ гирифта, муассисаҳои таълимии кишвар бо компютер ва технологияҳои навини таълимӣ таъмин гардидаанд. Аҳли маориф дар қатори тамоми мардуми шарифи мамлакат ин ҷашни шукуҳманд яъне 34-солагии Истиқлоли давлатиро ботантана ва бо ифтихори баланди ватандорӣ таҷлил мекунанд ва Ватани маҳбуби хешро васфу ситоиш менамоянд.

Дар рафти чорабинӣ Маҳкамов Дастам – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ дар мавзуи «Истиқлолият ва рушди маорифи миллӣ» ва Бобоева Маҳина – номзади илмҳои педагогӣ, мудири шуъбаи муассисаҳои томактабӣ, ибтидоӣ, бознигариву такмили стандарт, барномаҳои таълимӣ ва китобҳои дарсӣ дар мавзуи «Истиқлолият ва рушди маорифи миллӣ» баромад намуданд.

Инчунин, Салохудин Амонӣ – мудири шуъбаи коркард ва татбиқи технологияи инноватсионии таълим (таҳсилоти 12-сола), бо қироати порчаи шеърӣ «Ба Пешвои миллат» фазои идонаро боз ҳам шукӯҳ бахшид.

Пас аз маърузаҳо миёни иштирокчиён мубодилаи афкор сурат гирифт. Кормандон бар он таъкид карданд, ки Истиқлолият на танҳо рамзи озодӣ ва давлатдории тоҷикон аст, балки омили асосии рушду такомули маориф ва илм дар кишвар мебошад.

Дар анҷоми чорабинӣ қарор қабул гардид, ки ҳайати кормандони пажӯҳишгоҳ минбаъд низ фаъолияти худро дар самти такмили сифати таҳсилот, рушди барномаҳои таълимӣ ва тайёр кардани кадрҳои баландихтисос идома дода, саҳми арзандаи худро дар пешрафти давлат ва таҳкими дастовардҳои Истиқлолият мегузоранд.


04.09.2025 14:13


04.09.2025 14:38


04.09.2025 14:48


04.09.2025 14:37


04.09.2025 14:28


04.09.2025 14:12


04.09.2025 14:59


04.09.2025 14:08


04.09.2025 14:09